## Нақши фонди ҳуҷҷатҳо дар фаъолияти китобхона

Асоси фаъолияти ҳар як китобхонаро маҷмӯаи ҳуҷҷатҳо ё фонди китобхона ташкил медиҳад. Таҳкурсӣ ё ядрои фонди китобхона маҷмӯи ҳуҷҷатҳои гуногун мебошад, ки аз рӯйи намуд, вазифаҳо, манфиатҳо ва дархостҳои хонандагон интихоб карда шуда, ба тарзи муайян ботартиб, босифат ва самарабахш барои истифодаи пурра муддати дароз нигоҳ дошта мешавад. Маълум аст, ки фонди китобхона ҷойи нигоҳдории маводи чопӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо мебошад. (biblion – калимаи лотинӣ маънояш китоб, theke – махзан, анбор)

Истилоҳи «фонди китобхона» фавран пайдо нашудааст. Дар муддати тӯлонӣ фонди ҳама гуна китобхонаҳоро китобӣ меномиданд, зеро дар гузашта (тақрибан солҳои 40-ум) унсурҳои асосии ташкилкунандаи фонд китобҳо, дастурҳо, маҷаллаҳо, рӯзномаҳо буданд. Китобхонаҳо ҳамеша мекӯшиданд, ки ба истифодабарандагон маълумоти мукаммалтарини ҷаҳониро пешниҳод кунанд. Муайян карда шуд, ки китобҳо танҳо аз се як ҳиссаи он ва боқимонда аз се ду ҳисса иттилооти аслии арзишнок дар ҳуҷҷатҳои ғайрикитобӣ мавҷуд аст, ба мисли наворҳои магнитӣ, микрофилмҳо, варақаҳои иттилоотӣ, маводи нашрнашуда ва ғайра. Бо мурури замон мафҳуми «фонд» дар китобхонашиносӣ маънои васеътар пайдо кард ва истилоҳи «фонди китобӣ» танҳо он қисми анъанавии фондро, ки дорои нашрияҳои чопӣ мебошад, нишон медиҳад.

Ҳама ҳуҷҷатҳои ба фонди китобхона дохилшударо аз рӯи меъёрҳои гуногун ба гурӯҳҳо (намудҳо) тақсим кардан мумкин аст: мавзӯӣ, аз рӯйи соли нашр, ҳаҷми он, матбуоти даврӣ ва ғайра.

Фонди китобхонаҳо аз ҳисоби тухфа аз шахсони воқеӣ, харидорӣ, гирифтани нусхаи ҳатмӣ ва ғайра пурра карда мешавад. Фонд ягона пойгоҳи ҳуҷҷатии системаи китобхона мебошад, ки аз фонди мақсаднок, мундариҷа ва ҳаҷмҳои гуногун иборат аст. Дар китобхонаҳои бузург фонд аз рӯйи рақамҳои инвентарӣ бо тартиб ҷобаҷогузорӣ карда мешавад. Ба ғайр аз фонди соҳавӣ. Дар фонди шуъбаҳо бошад, аз рӯйи соҳа бо тартиб гузошта мешавад. Дар низоми китобхонаҳои бузург, ки дорои фонди мукаммал њастанд, калонтарин махзан барои нигоҳдошти фонди универсалӣ мебошад.

Принсипи ибтидоии ташаккули фонди китобхонаҳо интихобӣ мебошад, зеро интихоби ҳуҷҷатҳо ин асоси такмили адабиёти муосир мебошад. Интихоби ҳуҷҷатҳо ё адабиёт ин муайян кардани раванди такмили фонди китобхонаҳо ба мақсад мувофиқ будан ва нигоҳ доштани адабиёти мавҷуда мебошад.

Дар ин росто шуъбаи мукаммалгардонии фонди Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллӣ»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти худро дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти китобдорӣ», Оиннома, дустуру супоришҳои директори Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллӣ» ва дигар санадҳои меъёри ҳуқуқии соҳа ба роҳ мондааст.

Шуъба дар асоси нусхаи ҳатмии ҳуҷҷатҳо, бо роҳи харидорӣ, мубодилаи китобҳо (аз ҷумла мубодилаи байналмилалӣ) ва дигар муомилаҳои воридотӣ пуррагардонии фонди ҳуҷҷатҳои ватанӣ ва нигоҳдории ҳамешагии онҳоро анҷом медиҳад.

Шуъбаи мукаммалгардонӣ ба воситаи мағозаҳои китобфурӯшӣ, ташкилотҳои соҳавӣ, шахсони алоҳида, тибқи обуна шудан ба нашрияҳои даврии ватанию хориҷӣ дар давоми **4** соли охир **(солҳои 2021-2023 ва шашмоҳаи аввали соли 2024)** ба фонди муассиса **195119** нусха адабиёт ворид намудааст. Аз ҷумла нашрияҳои ватанӣ **184424** нусха ва нашрияҳои хориҷӣ **10695** нусха.

**Нашрияҳои ватанӣ:**

- нусхаҳои ҳатмии ҷумҳуриявӣ – 16789 нусха;
- мағозаҳои китоб (харид) – 10101 нусха;
- тавассути абонементи байникитобхонавӣ ва мубодилаи фонди эҳтиётӣ аз ИДМ – 29 нусха;
- нашрияҳои хусусӣ (аз анбор) – 634 нусха;
- сарчашмаҳои гуногун – 4584 нусха;
- ба тариқи тухфа – 114546 нусха;
- авторефератҳо – 5750 нусха;
- рӯзномаҳо – 498 нусха;
- обуна ба рӯзномаҳо – 11054 нусха;
- обуна ба маҷаллаҳо – 1964 нусха;
- рӯзномаҳои ҳатмӣ – 18475 нусха.

**Нашрияҳои хориҷӣ:**

- мубодилаи байналмиллалии китоб – 164 нусха;
- тариқи тухфа – 1987 нусха;
- рӯзномаҳо – 7848 нусха;
- обуна ба рӯзномаҳо – 451 нусха;
- обуна ба маҷаллаҳо – 245 нусха.

Зимни таҳлил муайян гардид, ки дар 4 соли охир адабиёти ба фонди муассиса воридгардида, **43,6%** соҳаи фалсафа, дин, ҷомеашиносӣ, таърих (1, 2, 3, 9), **1,23%** риёзиёт

(5), **3,7%** тиб (6), **0,18%** хоҷагии деҳот (63), **1,6%** санъат ва варзиш (7), **6,5%** филологӣ (8), **0,70%** ҷуғрофия (91), **2,2%** илм, фаъолияти зеҳнӣ, санадҳо (0) ва **40,29%** адабиёти бадеӣ мебошад.




Солҳои охир баъди ба даст овардани Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ибтикор ва дастгириҳои Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соҳаи китобдорӣ рушд ёфт. Китобхонаҳо бо адабиёти тоҷикӣ таъмин карда шуданд. Қаблан (дар замони шуравї) фонди аксар китобхонаҳо бо забони русӣ бештар мукаммал мегардид. Хушбахтона имрӯз 55% китобҳои навворидшуда бо забони тоҷикӣ мебошад. Дар ҷадвал маълумоти 4 соли охир доир ба кадом забон пурра кардани фонди муассиса оварда шудааст.







Мукаммалгардонии фонд аз рӯи категория дар солҳои 2021-2023 ва шашмоҳаи аввали соли 2024

Китобҳо – 136026 нусха, 69,7%;
Нашрияҳои давомноки илмӣ – 523 нусха, 0,28%;
Маҷаллаҳо – 8452 нусха, 4,35%;
Рӯзномаҳо – 38327 нусха, 19,61%;

Харитаҳо – 4 нусха, 0,002%;
Нотаҳо – 75 нусха, 0,04%;
Пэсаҳо – 142 нусха, 0,07%;
Коркарди гурӯҳӣ – 5 нусха, 0,003%;
Автoрефератҳо – 8043 нусха, 4,13%;
Диссертатсияҳо – 2638 нусха, 1,35%;
Дастнависҳо – 33 нусха, 0,024%;
Изографикҳо – 2 нусха, 0,001%;
Грампластинкаҳо DVD ва CD – 850 нусха, 0,44%.




**Сардори шуъбаи мукаммалгардонии фонд**
**Асоева Гулҷаҳон**